Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)
E-mail:faridullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоҳири Тоҷидин дар мавзуи «Фишангҳои амалигардонии сиёсати минтақавии давлат дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.**

Вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи он дар бештари мавридҳо аз самти фаъолияти сиёсати давлатӣ ва бахши хусусӣ вобастагии ногусастанӣ пайдо намуд. Маълум аст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки татбиқи ин сиёсат ин шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Ҳамкории имкониятҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва хизматрасонӣ дар иқтисодиёт шароит фароҳам меорад. Қобили қайд аст, ки дар давлатҳои аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ тараққикарда рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлатию хусусӣ ва нақши он дар иқтисодиёт ва бахусус дар рушди инфрасохтор саҳми калон доранд. Аз ин ҷиҳат омӯзиш ва таҳлилу баррасии ин масъала дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ масъалаҳои такмил додани асосҳои назариявӣ ва воситаҳои амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа ва ба ин восита таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои он мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Бо вуҷуди ин масъалаи мазкур то ба имрӯз баҳалталаб боқӣ мемонад. Аз ин ҷост, ки ҳалли масъалаи мазкур, зарурати ҳаллу фасли онҳо, мақсад ва вазифаи асосии кори илмии мазкурро муайян намуда ва яке аз мавзӯи муҳим, рӯзмарра ва ҳалталаб дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ба ҳисоб мераванд.

Дар қисмати муқкадима аз тарафи муаллиф мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмӣ, мақсади таҳкиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот,мавзӯи таҳқиқот, фарзияҳо ва дигар талаботҳо аз рӯи дастурамали таҳияи автореферат дар сатҳи хуби илмӣ иҷро гардидааст.

Дар қисмати якуми кори диссертатсионӣ қисматҳои назариявии мавзӯи таҳқиқшаванда таҳаввулоти назариявии шарикии давлат ва бахши хусусӣ,

ҳамчун категорияи иқтисодӣ, моҳият, омилҳо ва усулҳои муайян кардани ҳамкориҳо, инчунин таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки ҷузъиёти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар сатҳҳои гуногун, алалхусус, дар сатҳи минтақавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар қисмати дуюми кор таҳлили ҳолати кунунӣ ва ташаккули механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақа, арзёбии иқтисодии вазъи иҷрои ҳамкориҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мисоли ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ ва таҳлили вазъи дигар минтақаҳои кишвар, инчунин ошкорсозии муаммоҳои амалигардонии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар НТҶ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар қисмати сеюми кор, масъалаи қоидаҳои ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун асоси рушди иқтисодии минтақа, механизмҳои сармоягузории рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа, дурнамои иҷрои сиёсати давлатӣ ва рушди баробарии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ошкор намудани самтҳои афзалиятноки рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ дида баромада шудаанд.

Умуман, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия он ҳадафҳо, вазифаҳо ва навгониҳои илмие, ки дар диссертатяия гузошта буд иҷро кардааст. Тавсияҳои муаллиф дар тадқиқот пешниҳодгардидаро дар амалия ҳангоми фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаю ташкилотҳои соҳаҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, инчунин баъзе камбудиҳо ва пешниҳодҳо барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани мазмун ва муҳтавои он низ пешниҳод гардидаанд, ки миёни онҳо метавон ҳолатҳои зеринро ҷудо намуд:

- новобаста аз оне, ки объекти таҳқиқотии кори илмии мазкур фаъолияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди иқтисодии минтақаҳои алоҳида интихоб шудааст, агар хубтару беҳтар мебуд дар автореферат таҷрибаи баъзе кишварҳои тараққикардаи дунё оварда шуда, кадом таҷрибаи пешқадами онро дар мисоли ҷумҳурии мо амалӣ намудан мумкин аст, асоснок ва пешниҳод мегардид.

- мутаасифона дар автореферат самаранокии иқтисодии ҳамкории шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ ва ин ё он минтақаи ҷумҳурӣ оварда нашудааст, ки метавонист мазмуну мундариҷаи авторефератро боз ҳам ғанӣ мегардонид.

Эродҳои мазкур ба мазмун ва муҳтавои автореферат таъсири манфӣ намегузорад,чункӣ натиҷаҳои илмии бадастомада аз сатҳи баланди

илмию назариявии тадқиқотӣ, навгонӣ ва аҳамияти амалии диссертаеия дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки автореферати диссертасионии пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбат ба таҳқиқоти диссертасионӣ пешниҳодшаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, тамоми бандҳои муқарраршуда оид ба додани дараҷаи илмие, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу буда, Зоҳири Тоҷидин сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

тақриздиҳанда,
д.и.и., дотсент,
и.в. мудири кафедраи
назарияи иқтисодии ДБССТ М.И. Садриддинов

*Суроға: 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5,*
*Тел.: +992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24*
*Суроғаи электронии муассиса – **e-mail:** info@iutet.tj*
*Суроғаи электронии тақриздиҳанда – **e-mail:** sadrman_s@mail.ru*

Имзои д.и.и., М.И. Садриддинов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ш. Ҷураев